09 07 2019

**Андешахо дар хошияи сафари кории Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва иштирок дар тантанахои идона ба истикболи 22 - юмин солгарди Рӯзи Вахдати миллӣ, ифтитохи як катор иншооти дорои таъйиноти гуногун ва сухбату вохӯрихои судманд бо сокинони нохияхои водии Рашт.**

**Абубакр ШАРИФОВ, хамохангсози Харакати чамъиятии вахдати миллӣ ва эхёи Точикистон дар водии Рашт:**

- Тачлили 22 - юмин солгарди Рӯзи Вахдати миллӣ дар нохияи Рашт басо хотирмону таърихӣ буд. Зеро он бо иштироки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон баргузор гардид. Табиист, ки хар кадами Пешвои миллат файзу баракати зиёде дар пай дошта, аз як сафар то сафари дигарашон дар хаёти иктисодию ичтимоии нохия дигаргунихои куллӣ ба миён меоянд.

Нохияи мо, ки дар давраи чанги шахрвандӣ яке аз минтакахои чангзада ба шумор мерафт, мафхуми вахдат ва гиромӣ доштани ин арзиши хаётӣ барои хар сокини Рашт азизу мукаддас аст. Кобили зикр аст, ки баъд аз расидан ба вахдати миллӣ аз соли 1997 дар нохия беш аз 500 иншооти мухими хочагии халк бо дастгирии Президенти махбуби кишвар бунёд ёфтааст. Аз чумла, 26 июни соли чорӣ бо иштироки Пешвои муаззами миллат 8 иншооти дорои ахамияти мухим мавриди истифода карор гирифт.

**Олим МУРОДОВ, сардори идораи замини нохияи Лахш:**

- Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон зимни сафари навбатиашон ба нохияи Лахш сокинони захматпешаи нохияро муваззаф карданд, ки дар чодаи бунёдкориву созандагӣ боз хам бештар саъю талош варзанд. Махсусан, дастури Сарвари давлат ба Хукумати Чумхурии Точикистон чихати таъмири каналхо, бахусус каналхои Гулама ва Пиёзӣ бо максади обёрии заминхои беоб ва аз худ намудани заминхои гайрикишоварзӣ саривактӣ ва айни

муддао буд. Зимнан, раванди кӯчондани ахолии махалхои камзамини нохияхои водӣ, бавижа  нохияи Рашт ба мавзеъхои нохияи Лахш, ки дар ин бора таъкид шуд, ба афзоиши махсулоти кишоварзӣ ва фарохам овардани чойхои нави корӣ дар ин бахш мусоидат мекунад. Бо татбики дастуру супоришхои Президенти мамлакат мехнаткашони нохия метавонанд, истехсоли картошкаро ба 150 хазор тонна расонанд.

**Мирсаид ХОЧАЕВ, корманди бахши иктисод ва савдои нохияи Нуробод:**
- Бунёди маркази нохияи Нуробод - шахраки Дарбанд тахти таваччухи хамешагии Пешвои муаззами миллат карор дорад. Аз ин лихоз, бинохои наву замонавӣ пайи хам комат меафрозанду шахраки Дарбанд симояшро батадрич дигаргун месозад.
Бо дастгирии Сарвари давлат ба муносибати тачлили Чашни 30 - солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бунёди 248 иншооти таъйиноти гуногун дар накша буд. То имрӯз 93 иншоот мавриди бахрабардорӣ карор гирифта, 12,5 километр роххои ахамияти байналмилалидошта бо сифати баланд таъмир гардиданд.
Пешвои миллат, зимни вохӯриашон бо фаъолони нохияи Нуробод, чихати харчи бештар ба рох мондани корхои бунёдкорию созандагӣ ба масъулон дастуру супоришхои мушаххас доданд. Мо, сокинони нохия дастуру супоришхои Президенти кишварро сармашки кори худ карор дода, бахри боз хам ободу зебо гардондани ин гӯшаи бихиштосои диёр саъю талош меварзем.

**Сабохат ТОИРОВА, сокини нохияи Сангвор:**
-  Дар нохияхои дурдасти кишвар сохибмаълумот намудани духтарон ва ба корхои чамъиятиву давлатӣ чалб намудани бонувон дар мехвари таваччухи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон карор дорад. Рохбари давлат  зимни сафари кории навбатиашон низ дар нохияи Сангвор ба хамин масъала бештар таваччух зохир карданд. Тавре зимни вохӯриашон бо сокинони нохия зикр карданд: “Харчанд, ки аз замони таъсис ёфтани нохияи Сангвор беш аз ду дахсола сипарӣ мешавад, боиси хушхолист, ки аллакай имрӯз дар натичаи амалисозии барномахои давлатӣ ва азму талоши ватандӯстонаи сокинони он дар хамаи самтхои мухими иктисодию ичтимоии нохия пешравихои назаррас ба мушохида мерасанд”. Вокеан, хамаи ин дастовардхо аз дастгирихои пайваста ва таваччухи доимии Пешвои миллат шаходат медиханд.
Натичаи чунин дастгирихост, ки сафи донишчӯдухтарон ва дар вазифахои гуногуни чамъиятӣ чалб гардидани бонувон рӯз ба рӯз меафзояд. Холо аз чумлаи хатмкардагони муассисахои тахсилоти миёнаи умумии нохия 847 нафар дар донишгоххои олии кишвар ва 7 нафар дар мактабхои олии хоричӣ тахсил доранд. Дар замони сохибистиклолӣ  44 бинои нави таълимӣ бунёд ёфтааст.

**Зулфикор Рамазонзода, муовини якуми раиси нохияи Точикобод:**
- Мо сокинони нохияи Точикобод аз вохӯрии навбатии Пешвои муаззами миллат рӯху илхоми тоза гирифта, чихати амалӣ намудани дастуру супоришхои Президенти мамлакат дар чодаи ободу зебо гардондани Ватани азизамон боз хам камари химмат мебандем.

Сокинони нохия аз ин вохӯрӣ баръало эхсос намуданд, ки Пешвои миллат ба рушди нохияи мо таваччухи хос доранд. Чудо намудани 36 чой барои дохил гардидани духтарон тибки Квотаи президентӣ ба муассисахои тахсилоти олии кишвар гувохи хамин гуфтахост. Мо, сокинони нохияи Точикобод минбаъд хам кӯшиш мекунем, ки чавобан ба ин гамхорихову дастгирихои Президенти мамлакат бо мехнати софдилонаю содикона дар тахкими Истиклолияти давлатию побарчоии вахдати миллӣ дастчамъона талош варзем.

**Худойдод ЗАЙНИДДИН, "Чумхурият"**